**Суратмаҷлиси № 97-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 1-уми майи соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 363/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктороні илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Шодиматова Малика Каримбердиевна** дар мавзуи **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Мирзоева М.М. ва узви комиссияи экспертӣ – Султон Ҳ.Б. ва Гадоев Н. сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Шодиматова Малика Каримбердиевна** дар мавзуи **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик ( солҳои 2003-2023)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 03.07.2025, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.